***УДК** 33 т*
***DOI**10.24412/2411-1945-2022-1-53-59*

***РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҶАЗЗОБИЯТИ ИНВЕСТИТСИОНИИ ҚУТБҲО ВА НУҚТАҲОИ РУШДИ ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***

***Насимова Машҳурахон Абдуллоҷоновна,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТИ ПОЛЮСОВ И ТОЧЕК РОСТА СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН***

***Насимова Машхурахон Абдулloджоновна****,канд.экон.наук, доцент кафедры экономической теории ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***THE WAYS OF ELEVATION OF INVESTITIVE ATTRACTIVENESS OF POLES AND CENTRES OF DEVELOPMENT AND PROGRESS LOCATED IN SUGHD VILOYAT OF TAJIKISTAN REPUBLIC***

***Nasimova, Mashhurakhon Abdullojonovna****, candidate of the sciences of economics, Associate Professor of the department of the theory of economics under TSU LBP, (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *mashkhurakhon@bk.*

***Калидвожаҳо:*** *қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаззобияти инвеститсионӣ, қутбҳо ва нуқтаҳои рушд, иқлими сармоягузорӣ, методикаҳои арзёбӣ, соҳаҳои хоҷагии халқ, корхонаҳо*

*Маҷмӯи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани ҷаззобияти инвеститсионии иқтисодиёти минтақавӣ аз нуқтаи назари маблағгузорӣ ба самтҳои боздеҳашон ҳатталимкон баланд, ки ба сифати онҳо қутбҳою нуқтаҳои рушди минтақавӣ, бaромад мекунанд, баррасӣ шудааст. Имрӯзҳо масъалаи арзёбии ҷаззобияти инвеститсионӣ мавриди таваҷҷӯҳи васеи илмӣ қарор гирифтааст. Вобаста ба ин дар мамлакат қонунҳо, барномаҳо ва методикаҳои сершумори арзёбӣ амал карда истодаанд, ки ба мақсадҳои тадқиқот мувофиқат мекунанд. Аз рӯи объекти татбиқ ва меъёрҳои арзёбӣ методикаҳои дар мақола пешниҳод гардида умуман дар мамлакат, минтақа, соҳа ва корхона мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бо мақсади баланд бардоштани мусоидии фазои инвеститсионӣ барои ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ва дохилӣ ба мамлакат ва минтақаҳои он таҷрибаи якчанд давлатҳои пешқадам таҳлил карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *законы Республики Таджикистан, инвестиционная привлекательность, полюсы и точки роста, инвестиционный климат, методические подходы, отрасли народного хозяйства, предприятия*

*Расматривается комплекс мер по улучшению инвестиционной привлекательности экономики Согдийской области Республики Таджикистан с точки зрения инвестирования в приоритетные направления с наиболее высокой отдачей, в качестве которых выступают полюсы и точки роста. На сегодняшний день вопросы улучшения инвестиционной привлекательности представляют большой научный интерес. В зависимости от этого в стране действуют законы, программы и методики оценки инвестиционной привлекательности, соответствующие требованиям исследования. По объекту применения и критериям оценки предлагаемые методики анализируются по стране в целом, по региону, отрасли и по предприятиям. В целях повышения*

*благоприятности инвестиционного климата для привлечения иностранных и отечественных инвестиций в страну и её регионы анализируется опыт некоторых развивающихся стран.*

***Key-words**: Tajikistan Republic laws, investitive attractiveness, poles and centres of growth, investitive climate, methodical approaches, national economy branches, enterprises*

*The article dwells on the issue of a complex of measures aimed at an improvement of investitive attractiveness of the economy of Sughd viloyat ( the largest administrative- territorial unit in Tajikistan) from the point of view of investitures into the priority streamlines with the highest feedback; the latters implying poles and points of growth. For today amelioration of investitive attractiveness is a matter of great scientific interest. Consequently, there function certain laws in the country programmes and methods of assessment in regard to investitive attractiveness responding to exploration requirements. According to an object of application and criteria of evaluation the proposed methods are analyzed over the country upon the whole, over region, branch and enterprises. In order to elevate a favourability of investitive climate for attraction of foreign and home investments into the country and its regions the experience of some developing countries is analyzed.*

Дар айни замон масъалаи беҳтар намудани иқлими сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он ва дар натиҷа, баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии мамлакат самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии ҳукумати кишвар, сохторҳои иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин тадбирҳои зиёде андешида мешаванд, ки ба беҳтар намудани фаъолият дар мамлакат ва минтақаҳои он бо мақсади ноил гаштан ба рушди иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Зери мафҳуми фазои инвеститсионӣ маҷмӯи заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, ки имконпазирии сармоягузориро ба низоми иқтисодӣ муайян мекунанд, фаҳмида мешавад.

Ҷаззобияти инвеститсионии минтақа ҳамчун маҷмӯи омилҳо, имкониятҳо, таҳдидҳо ва маҳдудиятҳои зиёде, ки дараҷаи воридшавии сармоягузориро ба минтақа муайян мекунанд, маънидод карда мешавад. Ба сифати нуқтаҳои рушд он корхонаҳое зуҳур карда метавонанд, ки истифодаи аз ҳама самарабахши омилҳои истеҳсолотро аз ҳисоби таҷдид ва тағйири сохтори истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ таъмин мекунанд.

Бо мақсади беҳтар кардани иқлими сармоягузорӣ ва ноил шудан ба рушди иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он як қатор чорабиниҳо амалӣ гардонида мешаванд.

Ба роҳҳои асосии ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорон дар мамлакат чораҳое амал мекунанд, ки дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ", "Дар бораи муфлисшавӣ", "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" асоснок карда шудаанд. Дар соли 2013 дар кишвар Фонди дастгирии соҳибкорӣ таъсис дода шуд, ки саҳмияи назоратии он ба давлат тааллуқ доранд. Маблағгузории фонди мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳо буда, мақсади асосии он расонидани кӯмаки молиявӣ ба соҳибкорон ва додани қарзҳои имтиёзнок мебошад.

Ғайр аз ин, бо мақсади фароҳам овардани иқлими бештар мусоиди сармоягузорӣ дар сатҳи миллӣ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ", "Дар бораи созишномаҳои инвеститсионӣ" қабул карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки соли 2015 марҳилаи дуюми амали Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ ба амал бароварда шуд, ки дар доираи он ислоҳот дар самти беҳтар намудани

иқлими сармоягузорӣ ва бизнес пешбинӣ гардидабуд. Ғайр аз ин, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020”, ки бо Қарори Ҳукумати мамлакат аз 1-уми декабри соли 2014, №740 қабул гардидааст, амалӣ гардид, ки мақсади он бартараф намудани монеаҳо дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ буд [1].

Бояд қайд кард, ки аз 1 январи соли 2013 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, ки тибқи он номгӯйи андозҳо аз 21 то 10 намуд маҳдуд карда шудааст [2].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ, ки санаи 21.01.2021 ба Маҷлиси Олӣ ироа гардид, қайд карданд, ки ба Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки амали он аз якуми январи соли 2022 оғоз мегардад, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар сабукиҳои зиёд пешниҳод гардида, бар замми ин шумораи андоз аз 10 то 7 номгӯй кам карда мешавад [3].

Ин тадбирҳои муҳим бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии иштирокдорони бозор барои ноил гаштан ба рушди иқтисодӣ андешида шудаанд.

Бо мақсади татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузорӣ аз тарафи Парлумони мамлакат санаи 15 марти соли 2016 Қонун "Дар бораи сармоягузорӣ" бо тағйироту иловаҳо қабул карда шуд. Тибқи ин қонун мафҳумҳо ва муқаррароти нав, аз ҷумла шарҳи нави мафҳуми "сармоягузорӣ", бо назардошти омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ пешниҳод гаштааст [2].

Ғайр аз ин, солҳои охир низоми қонунгузории мамлакат ба сармоягузорон дараҷаи баланди кафолат ва зиёда аз 240 имтиёз ва кӯмакпулиҳоро пешбинӣ намудааст, ки боиси рушди соҳибкорӣ мегарданд ва ба ин васила, ба ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва ватанӣ ба иқтисодиёти минтақа мусоидат менамоянд [2].

Ғайр аз ин, бо мақсади ташкили шароити ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ барои рушди соҳибкорӣ соли 2012 “Қонун дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" ва бо мақсади татбиқи самараноки он Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсис дода шуд [4].

Моҳи марти соли 2016 “Қонун дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ" дар таҳрири нав қабул гардид, ки он ба хоҷагиҳои деҳқонӣ мақоми шахси ҳуқуқӣ ва ба аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ - коллективӣ ҳуқуқи ҷамоавии истифодаи заминро медиҳад [5]. Бояд қайд кард, ки амали қонуни мазкур боиси инкишофи раванди фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ гардида, ба ин васила метавонад, ба афзоиши ҳиссаи бахши аграрӣ дар нишондиҳандаҳои ММД ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар кишвар мусоидат намояд.

Барои сармоягузороне, ки фаъолияти онҳо бо коркарди пахта пурра алоқаманд мебошад, имтиёзҳои махсуси андозӣ ва гумрукӣ пешбинӣ шудааст. Масалан, корхонаҳое, ки бо сикли пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ машғуланд ва маҳсулоти онҳо бевосита ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ нигаронида шудааст, аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. Инчунин тибқи қонунгузорӣ ворид сохтани техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ба мамлакат аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудааст.

Таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти инвеститсионӣ нишон медиҳад, ки дар замони муосир шумораи зиёди усулҳо ва принсипҳое амал мекунанд, ки қабули онҳо метавонад барои баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии минтақаҳо мусоидат намояд.

Ба андешаи мо, консепсияи баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии иқтисодиёти минтақавӣ бояд ба модели сармоягузорие асос ёбад, ки дар заминаи он бозтақсими сармоя бештар ба самтҳои рушдкунанда, ки ба сифати онҳо қутбҳо ва нуқтаи рушд баромад мекунанд, нигаронида шуда бошад.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш аз модели интихоби объекти сармоягузорӣ – корхонаҳои мушаххас – ба модели таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ амалӣ карда мешавад. Ба ақидаи мо, чун ядрои лоиҳаҳои инвеститсионӣ метавонанд қутбҳо ва нуқтаҳои рушди иқтисодиёти минтақавӣ баромад кунанд, ки аз маблағгузории самараноки онҳо фоидаи зиёд гирифтан мумкин аст.

Таҳлили заминаи қонунгузорӣ ва амалияи мавҷуда дар ин масъала нишон дод, ки чораҳои пешниҳодшуда мумкин аст ба ду гурӯҳ тақсим карда шаванд: умумӣ, ки дар маҷмӯъ дар иқтисодиёти минтақавӣ, соҳавӣ амал мекунанд; хусусӣ (ҷадв.1), яъне чораҳое, ки дар сатҳи корхонаҳо амал мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар миқёси соҳа ҳар як чораи пешниҳодшуда маънои мушаххаси худро дорад. Масалан, чунин тадбирҳо, ба монанди паст кардани боҷи гумрукӣ ба таҷҳизоти воридшаванда ба мамлакат, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ – пеш аз ҳама ба соҳаи саноат тааллуқ доранд. Дигар тадбирҳо дар сатҳи соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ дар ҷадвали №1 таҳлил шудаанд.

***Ҷадвали 1*** *- Тадбирҳо оид ба баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии қутбҳо ва нуқтаҳои рушди иқтисодиёти минтақавӣ*

| | **Соҳаҳои татбиқ** | | **Таснифи чораҳои пешниҳодшуда дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ** |
|---|---|---|---|
| | Иқтисодиёт и минтақавӣ дар маҷмӯъ | .1 | Маблағгузории корхонаҳое, ки қутбҳои рушдро таъсис медиҳанд. |
| | | .2 | Гузаронидани рейтинги ҷаззобияти инвеститсионии минтақаҳо |
| | Соҳаи саноат | .1 | Тақвияти амали механизми паст кардани боҷи гумрукӣ барои таҷҳизоти воридшаванда |
| | | .2 | Рушди сиёсати шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
| | | .3 | Ҳавасмандгардонии мансабдорон ба ҷалби сармоягузорӣ бо мақсади баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионӣ |
| | Соҳаи аграрӣ | .1 | Пешниҳоди давлатии субсидияҳои инвеститсионӣ бо барномаи давлатии "Агробизнес -2020" |
| | | .2 | Такмил додани сиёсати давлатӣ оид ба хариди давлатии маҳсулоти корхонаҳои аграрӣ бо нархҳои муқарраршуда |
| | Соҳаи хизматрасонӣ | .1 | Таҳияи чорабиниҳо оид ба пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ бо мақсади озод кардан аз пардохти фоизи қарзи бонк то 3 сол |
| | | .2 | Додани имтиёзҳои давлатии дарозмуддат дар шакли озод намудан аз пардохти иҷора |
| | | .3 | Ҳавасмандгардонии сиёсати давлатӣ оид ба пардохти субсидияҳо ба субъектҳои алоҳида аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои пардохти қисми ҷуброни хароҷоти фоизи қарзҳо |

**Муаллиф таҳия кардааст**

Мисоли мусбат таҷрибаи Русия мебошад, ки дар он бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ рейтинги солонаи ҷаззобияти сармоягузории минтақаҳо тибқи меъёрҳои муайян пешбарӣ карда мешавад. Ба ин меъёрҳо дохил мешаванд [6, с.22]:

- кам кардани дараҷаи хавфи сармоягузорӣ;
- сатҳ ва самараи баланди идоракунии минтақа;
- беҳтарин вазъи молиявӣ дар минтақа;
- шароити мусоид барои сармоягузорӣ;

Бахшҳои аввали номинатсияро барои муайян намудани рейтинги шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Номинатсияи чорум ҳамчун шароити мусоид барои сармоягузорӣ - хусусиятҳои давлатӣ ва мунитсипалии идоракунии минтақаҳои мамлакатро дар бар мегирад. Яке аз роҳҳои дигари баланд бардоштани самаранокии фаъолияти қутбҳо ва нуқтаҳои рушд чораҳои аз тарафи давлат паст кардани боҷи гумрукӣ барои воридоти таҷҳизот мебошад, ки боиси коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ ва афзоиши фоида дар корхона мегардад.

Чи тавре ки маълум аст, таносуби фоида ва хароҷоти умумӣ даромаднокии корхонаро ташкил мекунад. Кам кардани ҳиссаи хароҷот ба афзоиши ҳаҷми даромад ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар истеҳсолот оварда мерасонад. Ин механизмро бо мақсади баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионӣ ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва ватанӣ дар қутбҳо ва нуқтаҳои рушди иқтисодиёти минтақа истифода бурдан мумкин аст. Ба сифати чораи дигари ҷалби сармояи хориҷӣ метавонад сиёсати ҳавасмандгардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ хизмат намояд.

Масалан, Н. Н. Кузьмина вазъи иқтисодиёти Ҷумҳурии Чувашистонро таҳлил карда ба хулоса омадааст, ки ба сифати механизми баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионӣ истифода бурдани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба мақсад мувоффиқ аст, ки ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар минтақаҳо мусоидат мекунад [7, 20].

Мувофиқи консепсияи муаллиф, дар шароити кунунӣ, вақте ки бизнес ва давлат иштирокдорони баробарҳуқуқи бозор ба ҳисоб мераванд, муносибатҳои байни онҳо метавонад боиси рушди истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ, вазъи рақобат ва зиёд намудани ҳиссаи корхонаҳо дар бозор гардад.

Ба фикри мо, имрӯзҳо шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ҳавасмандгардонии муносибатҳои байни давлат ва бизнес ва истифодаи он дар корхонаҳое, ки ба сифати қутбҳои рушд баромад мекунанд, метавонад ба беҳбудии ҷаззобияти инвеститсионии минтақа таъсири мусбат расонад.

А.А.Бурков ҳавасмандии шахсони мансабдорро дар ҷалби сармоя ба иқтисодиёти минтақа чун яке аз механизмҳои баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионӣ пешниҳод менамояд [6, 22]. Муаллиф қайд менамояд, ки дар бисёре аз кишварҳои пешрафта масъалаи ба мансаби нисбатан баландтар гузаштани кормандони мақомоти минтақавӣ аз ҳаҷми сармояе, ки онҳо ба минтақа ҷалб мекунанд, вобаста аст.

Пешниҳоди таҳлилшавандаро дар вилояти Суғд, аз ҷумла нисбат ба қутбҳо ва нуқтаҳои рушд бо роҳи ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ба ҷалби маблағҳои инвеститсионӣ метавон истифода бурд.

Яке аз чораҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ тааллуқ дорад, таҷрибаи давлати Қазоқистон мебошад. Дар ин кишвар тибқи барномаи давлатии "Агробизнес – 2020" ба сармоягузорон субсидияҳои инвеститсионӣ пешниҳод карда мешаванд. Давлат ба сармоягузорон барои ташкил ва татбиқи иқтидорҳои истеҳсолӣ дар комплекси агросаноатӣ имконияти пардохти қисми хароҷотро дар андозаи аз 20 то 80 % медиҳад.

Ба сифати механизми дигар метавонад сиёсати озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ барои ворид сохтани техникаи таъиноти кишоварзӣ ва таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ истифода шавад. Пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ба комплекси агросаноатии вилояти Суғд метавонад ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва паст намудани нархи маҳсулоти комплекси

аграрӣ мусоидат кунад. Амалӣ гардонидани ин тадбирҳо ба паст намудани хароҷоти корхонаҳо мусоидат карда, ба баланд бардоштани даромаднокии фурӯш таъсир мерасонад.

Таҷрибаи давлати Русия, ки дар ин ҷо хариди давлатии маҳсулоти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои муқарраршуда ба роҳ монда шудааст, ҷолиби диққат аст. Ба ибораи дигар давлат аз як тараф ба комплекси агросаноатӣ даромадро ва аз тарафи дигар нархҳои мувозинатиро барои маҳсулоти эҳтиёҷоти аввали омма кафолат медиҳад. Ин тадбирҳо ба афзоиши даромаднокии корхонаҳо мусоидат мекунанд.

Яке аз усулҳои афзун намудани фоида ва кам кардани хароҷот дар истеҳсолот озод кардани корхонаҳои навтаъсис аз пардохти фоиз барои қарзи бонк ба муҳлати то се сол мебошад. Пешниҳоди мазкурро барои истеҳсолкунандагони қутбҳо ва нуқтаҳои рушд метавон истифода бурд, зеро он ба фаъолгардонии рақобат дар минтақа мусоидат хоҳад кард. Аз нуқтаи назари истеҳсолкунанда, қарзҳои бонкии бефоиз метавонанд боиси кам шудани хароҷот дар истеҳсолот, баланд бардоштани даромаднокии фурӯш, фаъолсозии рақобати бозорӣ ва зиёд намудани даромаднокии корхона гарданд.

Чораи дигаре, ки дар ҷадвали №1 пешниҳод шудааст, ин таҷрибаи Федератсияи Русия мебошад. Дар Федератсияи Русия тибқи барномаи давлатӣ ба корхонаҳои навтаъсис имтиёзҳои иҷоравии дарозмуҳлат дар намуди озод кардан аз маблағи иҷора ба муҳлати то 3 сол, аз соли 4-ум пардохти он дар ҳаҷми 15 % аз маблағи солона ва аз соли 5-ум 20 % -и маблағи солонаи музди иҷора пешбинӣ шудааст. Ин усул яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии истеҳсолот дар минтақа ба ҳисоб меравад. Истифодаи механизми мазкур боиси паст кардани ҳаҷми хароҷоти истеҳсолӣ ва баланд бардоштани ҳаҷми фоидаи корхона мегардад.

Намунаи дигар таҷрибаи ҷумҳурии Кабардино-Балкарияи Федератсияи Русия шуда метавонад, ки дар он ба сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии якхела, шартҳои татбиқ, дастгирии давлатӣ дар шакли пешниҳоди қарзи буҷетӣ ва трансфертҳо пешниҳод карда мешаванд. Ҷолиби диққат он аст, ки давлат ба субъектҳои алоҳида фаъолиятбаранда аз буҷети ҷумҳуриявӣ субсидия барои ҷуброни қисми пардохти фоизи қарзҳо ҷудо мекунад. Ин тадбирҳо низ боиси афзоиши рақобат дар бозор ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон дар мамлакат шуда метавонанд.

Таҷрибаи давлати Чин омили фаъол намудани вазъи рақобат дар бозор ва баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии соҳа ва минтақа буда метавонад. Ҳангоми гузаронидани сиёсати самаранок дар давлати Чин минтақаҳои махсуси иқтисодӣ бо реҷаи махсуси андозбандӣ таъсис дода шудаанд. Барои беҳтар намудани сифати мол ва афзун намудани ҳаҷми содирот дар давлати Чин "шабакаи содирот" таъсис дода шудааст, ки зиёда аз 80 % маҳсулоти он ба содирот равона мешавад.

Дар ин маврид раванди ноил шудан ба рушди иқтисодӣ аз афзоиши содироти маҳсулот вобаста аст. Кафолати фурӯши маҳсулот яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ барои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Бояд таъкид кард, ки маҳз сиёсати давлатӣ, чораҳои андешидашуда барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионӣ дар давлати Чин дар рушди иқтисодии мамлакати мазкур нақши муҳим бозидааст.

Истифодаи таҷрибаи мазкур ба беҳтар намудани вазъи бозор, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти минтақавӣ, имкони баромадан ба бозори ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки барои ҳавасмандсозии воридшавии сармояи хориҷӣ ва нигоҳ доштани сармояи ватанӣ бояд иқлими инвеститсионии мусоид фароҳам оварда шавад. Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш аз модели интихоби объекти сармоягузорӣ ба модели таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ амалӣ карда шудааст. Ба ҳайси ядрои

лоиҳаҳои инвеститсионӣ метавонанд қутбҳо ва нуқтаҳои рушди иқтисодиёти минтақавӣ баромад кунанд, ки аз маблағгузорӣ ба онҳо даромади зиёд гирифтан мумкин аст.

**Пайнавишт:**


1. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 декабря 2014 года "О плане мероприятий Правительства Республики Таджикистан по реализации второго периода Программы государственной поддержки предпринимательства в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы". г. Душанбе. 1 декабря 2014 года, №740 [электронный ресурс] – Режим доступа: http://www adlia..tj//show_doc. (дата обращения: 26.11.2021).
2. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджиси Оли Республики Таджикистан от 21.12.2021 [электронный ресурс]. URL: http://president.tj/ru (дата обращения: 03.01.2022).
3. Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях» (с изменениями и дополнениями по состоянию на 03.08.2018) . г. Душанбе. 15 марта 2016 года, №1299 [электронный ресурс] – Режим доступа: http://ncz.tj//content (дата обращения: 14.12.2021).
4. Закон Республики Таджикистан "О государственно-частном партнерстве". г. Душанбе. 28.12.2012, № 907 [электронный ресурс] – Режим доступа: http://ncz.tj//content (дата обращения: 10.09.2021).
5. Закон Республики Таджикистан "О дехканском хозяйстве", принятый постановлением МН МОРТ. г. Душанбе. 15.03.2016, №1289 [электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.andoz.tj//show_doc (дата обращения: 08.07.2020).
6. Бурков А. А. Государственное регулирование инвестиционного климата в условиях глобализации: автореф. дисс…канд. экон. наук. - Москва, 2012. – 28 с.
7. Кузьмина Н.Н. Инвестиционная привлекательность как фактор социально-экономического развития региона: автореф. дисс… канд. экон. наук. – Чебоксары, 2012. – 26 с.


**Reference Literature:**


1. Enactment of Tajikistan Republic Government from 1 December 2014 "On the Plan of Arrangements Launched by Tajikistan Republic Government Targeted at Realization of the second Period of the Programme of State Support in Regard to Entrepreneurship in Tajikistan Republic for 2012-2020". Dushanbe. 1 December 2014 № 740 [electronic resource].-Regime of availability: http://www adlia..tj//show_doc.(Date of appel: 26.11.2021)
2. The Message of Tajikistan Republic President Emomali Rahmon to Majlisi Oli Of Tajikistan Republic from 21.12.2021 [electronic resource] URL http://president.tj/ru (Date of appel: 03.01.2022)
3. Tajikistan Republic Law "On Investitures" (with alterations and addenda according to the state for 03.08.2018). Dushanbe. 15 March 2016, №1299 (Electronic resource)- Regime of availability: http://ncz.tj//content (Date of appeal: 14.12.2021)
4. Tajikistan Republic Law "On Statal-Private Partnership". Dushanbe. 28.12.2012, №907 ( Electronic resource ).-Regime of availability: http://ncz.tj//content (Date of appeal: 08.07.2020)
5. Tajikistan Republic Law "On Dekhans' Household" Adopted by the Enactment of TR Migrational Department. Dushanbe. 15.03.2016, №1289 (Electronic resource)- Regime of availability: http://www.andoz.tj//show_doc (Date of appeal: 08.07.2020)
6. Buzkov A.A. State Regulation of Investitive Climate under Globalization Conditions. Synopsis of candidate dissertation in economics.-Moscow, 2012.-28pp.
7. Kuzmina N.N. Investitive Attractiveness as a Factor of Social-Economic Development of a Region. Synopsis of candidate dissertation in economics.- Cheboksary, 2012.-26pp.